В целях эффективного налаживания туристско-рекреационной деятельности на территории региона нами были определены стратегические цели, приоритетные задачи и этапы развития туристическо-рекреационной деятельности (рис. 9.) и стратегия развития туризма в нем[2-А].

*Стратегическая цель.* Эффективное использование туристического потенциала региона, обеспечение прироста объема экспорта туристских услуг и занятости населения за счет налаживания туристско-рекреационной деятельности районов Кулябского региона

↓

*Приоритетные задачи:*

- увеличение турпотока в районы региона;
- развитие малого и среднего бизнеса;
- обеспечение прироста объема экспорта туристских услуг;
- освоение невостребованного научно-технического потенциала районов, а также передовых форм и методов организации производства;
- развитие транспортной и коммуникационной инфраструктуры;
- сохранение социально-культурного и природного наследия.
- создание новых рабочих мест в сфере туризма и в сопутствующих отраслях экономики;
- рост валютных поступлений в бюджет региона и республики.

↓

Блок целей развития сферы туризма районов Кулябского региона

↓

Сохранение и рациональное использование туристического потенциала районов, устойчивое его управление и, тем самым, превращение туристической отрасли в высококонкурентноспособную, бюджетообразную доходную отрасль экономики Кулябского региона

| *Этап 1.* Эффективное налаживание рекламно-информационной деятельности, направленная на продвижение районов на государственный и международный туристический рынок, повышение конку-рентноспособности туристических услуг региона и превращение сектора туризма в высококонкурентноспосн | → | *Этап 2.* Налаживание устойчивой системы регулирования и координация туристско-рекреационной деятельности региона (разработка эффективного механизма управления и нормативно-правовой базы), которые способствовали бы беспрепятственному продвижению туристической деятельности, улучшению | → | *Этап 3.* Создание мощной современной туристической отрасли с новейшей туристической инфраструктурой, отвечающей международным стандартам |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ую и высокодоходную отрасль экономики региона. | | инвестиционного климата, повышению качества и безопасности туров обслуживания туристов | | |

**Рис. 9.** Матрица организационного механизма развития туризма в районах Кулябского региона.

Исследование выявило следующие недостатков в организации туристической деятельности в Кулябской зоне:

- несоответствие туристской инфраструктуры региона международным стандартам;
- неконкурентоспособность туристских, гостиничных условий и структуры международному стандарту и всемирному туристическому рынку;
- низкий уровень информатизации туристско-рекреационного бизнеса;
- неэффективное налаживание работ по использованию ресурсного потенциала рекреации и туризма региона;
- отсутствие согласованной маркетинговой деятельности в сфере туризма в регионе.

В стратегических направлениях и задачах развития туризма в условиях Кулябского региона до 2030 г. определены план мероприятий по реализации Стратегии (ПМРС), детально изложенные в приложении 1 диссертации.

Предложенная стратегия включает четыре ключевых направления:

1) маркетинг;
2) развитие туристско-рекреационной инфраструктуры районов региона;
3) улучшение навыков;
4) достижение стабильного и устойчивого развития отрасли [3-А].

ПМРС в Кулябском регионе РТ как звено механизма государственного регулирования туристской деятельности охватывает следующие положения:

1. институциональное развитие туризма и рекреации как элемента государственного регулирования этих отраслей в регионе.
2. Формирование современной туристической инфраструктуры
3. Пропаганда возможностей туризма и открытие новых рынков
4. Подготовка и переподготовка туристических кадров
5. Приведение индустрии туризма в соответствие с международными стандартами и обеспечение безопасности туристов.

В ПМРС большое внимание уделено въездному туризму, являющемуся не только генератором поступлений иностранной валюты в местную экономику, но и важнейшим фактором создания рабочих мест в регионе, инициатором коммерческих доходов различных предприятии и частных лиц, занятых в различных сферах туристической деятельности; фактором государственных доходов, и т.д.

В доковидном 2018 г. в Кулябском регионе было зарегистрировано в общей сложности 20496 туристов, из которых 16601 чел. (или 81%) составляют внутренние. В 2021 года, после ковида в регионе, по нашим оценкам, эти цифры составили: 20635, 16830 (82,5%) соответсвено.

Привлекательность региона за счет доходов от внутренних и внешних туристов могут повысить следующие ведущие виды туризма (табл. 4).

Таблица 4.

Перспективные направления туризма и меры по их развитию для Кулябского региона (разработано автором)

| Ведущие (основные) виды туризма | Перспективные направления обустройства |
|---|---|
| 1. Экологический (Экотуризм) | Обустройство туристических маршрутов.<br>Развитие средств размещения, в частности туристских |

| | |
|---|---|
| | баз и гостевых домиков на местах, а также их техническое оснащение. Развитие научно-образовательных центров, информационно-аналитических и опытно-научных станций |
| 2. Культурно-познавательный | Устройство информационных стендов с материалами по истории, культуре, традициям и обычаям, особенностями бытовой и хозяйственной деятельности народов Кулябской зоны |
| 3.Туризм по маршрутам Великого Шелкового Пути | Развитие туристической инфраструктуры, средств размещения, пунктов питании. Развитие придорожной инфраструктуры на пути основных турмаршрутов: строительство гостиниц и кемпингов; строительство объектов общественного питания; обустройство стоянок и мест отдыха; установка дорожных указателей и информационных стендов, разработка туристских автомобильных карт |
| 4. Автомобильный (на собственном транспорте) | Строительство новых и повышение качества существующих автомобильных дорог по основным направлениям турмаршрутов. Развитие придорожной инфраструктуры на пути основных турмаршрутов: строительство гостиниц и кемпингов; строительство объектов общественного питания; обустройство стоянок и мест отдыха; установка дорожных указателей и информационных стендов, разработка туристских автомобильных карт |
| 5.Охотничий (Охота, сбор диких плодов, ягод и грибов) | Строительство гостевых домов в наиболее благоприятных для развития охоты местах, а также их техническое оснащение; Обустройство охотничьих маршрутов, кемпингов |
| 6.Сельский или аграрный (Агротуризм) | Строительство сети гостевых домов и сельских усадеб Выделение средств на конкурсной основе для обустройства сельских домов с целью размещения туристов (гранты) Улучшение транспортной доступности и оборудование подъездных путей к основным объектам показа туристов; Информационное обеспечение развития сельского туризма; Развитие кредитования в туристических целях в сельской местности. |
| 7. Детский | Разработка продвинутых программ для детей различных поколений для ознакомления с историей и культурой районов региона. Интерактивные экскурсии, мастер-классы, встречи со сказочными героями и т.д. |

Кроме того, не исключена возможность последующего развития и других малозатратных видов туризма: айлок-туризм, лечебно-оздоровительный, приключенческий, духовно-религиозный, досуг, развлечения, семейный, деловой, спортивный. Требуется всего лишь информационное обеспечение и обустройство туристических маршрутов.

# ЗАКЛЮЧЕНИЕ

## Основные научные результаты исследования

1. Кулябский регион располагает уникальными и богатыми природными и техногенными ресурсами, являющимися весьма привлекательными для эффективной организации и проведения туристско-рекреационной деятельности. Имеется в виду: густота и относительно хорошее состояние транспортной сети: аэропорт международного значения, большое количество исходящих из региона автомобильных дорог, а также железная дорога, обеспечивающие хороший доступ к объектам туризма; высокая степень концентрации памятников истории, архитектуры и культуры в различных районах региона [1-А].

2. Северо-восточная и отчасти центральная её части (Дангаринский, Ховалингский и Кулябский районы) обладают высокими уровнем социально-экономикотуристического развития (СЭТР). Для районов юга региона (Хамадони) и отчасти северо-востока региона (Ш.Шохин, Муминабад) характерен средний уровень СЭТР. У третьей группы районов (центр: Восе; юг: Бальджуван, Фархар, северо-запад: Темурмалик и юго-восток – Ш.Шохин) региона уровень СЭТР относительно низок. По степени насыщенности районов историко-культурными, архитектурными и иными объектами по 1 км2 а также по рейтингу туристкой привлекательности лидируют Кулябский и Муминабадский районы. В этой связи в средне и слабо развитых группах районов следует приложить усилия по подъёму развития туризма в них.

3. Для эффективного налаживания и реализации устойчивого туризма и повышения социально-экономического благосостояния населении региона предложена Стратегия развития туризма в нем – ключевого направления государственного регулирования туристской деятельности, в которой определены приоритетные направления развития туризма в регионе на долгосрочную перспективу: Эффективное ее применение будет способствовать формированию современного эффективного конкурентоспособного туристского рынка, которое может обеспечивать широкие возможности для удовлетворения туристических потребностей граждан РТ и зарубежных туристов в туристских услугах, тем самым в значительной степени способствуя решению проблем занятости населении и, соответственно, уровня их доходов.

4. Анализ ситуации, сложившейся в туристической отрасли региона, состояние ее материально-технической базы свидетельствуют о том, что сегодня необходимо принять неотложные меры по реновации ранее существовавших туристско-экскурсионных объектов и их хозяйств, а также интенсивно заниматься созданием новой современной инфраструктуры туризма.

**Рекомендации по практическому использования результатов**

1. Для эффективного налаживания туристско-экскурсионной деятельности на территории региона, необходимо разработать новую концепцию развития регионального туризма в современных условиях, с учетом перспективного развития в будущем. Для этого очень важно на базе республиканской программы, разработать региональную программу поэтапного развития туризма в Кулябском регионе. При этом основными источниками инвестиций должны явиться средства республиканского и регионального бюджетов. Наряду с этим, важным источником инвестиции является участие в международных программах и грантах и привлечение их в реализации различных проектов по развитию туризма в регионе.

2. Эффективное развитие туристско-рекреационного хозяйства путем создания благоприятных условий для приема и проведения туристической деятельности в соответствие с международными нормами позволит региональному туризму Кулябского региона выйти на новый уровень социально-экономического развития и стать тем самым востребованным и удовлетворять потребности местных и иностранных туристов.

## III ПУБЛИКАЦИИ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### а). Статьи, опубликованные в рецензируемых и рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан журналах:

[1-А]. **Иброгимова, Р. А.** Пути рационального использования туристско-рекреационных ресурсов Кулябского региона / Р. А. Иброгимова // Вестник ТГПУ – Душанбе. – 2015. - № 2 (63-1). - С. 205-208.

[2-А]. **Иброгимова, Р. А.** Эффективность развития туризма в Кулябской зоне: проблемы и перспективы / Р. А. Иброгимова // Вестник Таджикского национального университета – 2017. - № 2/5. –Ч. II. - С. 124-128.

[3-А]. **Иброгимова, Р. А.** Стратегические направления и задачи развития туризма в условиях Кулябского региона / Р. А. Иброгимова // Вестник ТГПУ. – Душанбе. – 2019. - № 3-4, (3-4) - С. 64-68.

[4-А]. **Иброгимова, Р. А.** Факторы развития туризма на территории Кулябского региона Республики Таджикистан / Р. А. Иброгимова // Вестник ТГПУ. – Душанбе. – 2021. - № 3-4 (11-12). - С. 77-81.

### б) Научные статьи, опубликованные в сборниках и других научно-практических изданиях:

[5-А]. **Иброгимова, Р. А.** Некоторые особенности развития туристической сферы Республики Таджикистан / Р. А. Иброгимова // Международная научно-практическая конференция «Инновационная политика в сфере улучшения туристско-рекреационных ресурсов и проблемы развития туризма»: Сборник материалов. – Душанбе, 2013. - С. 102-104.

[6-А]. **Иброгимова, Р. А.** Развитие туризма в Таджикистане / Р. А. Иброгимова // Вестник Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. – 2014. - № 2 (11). - С. 96-98.

[7-А]. **Иброгимова, Р. А.** Туристический путеводитель по Кулябскому региону / Р. А. Иброгимова. – Куляб, 2015. – 28 с. (на русском, английском и таджикском языках).

[8-А]. **Иброгимова, Р. А.** Эффективное использование природных и культурно-исторических ресурсов Кулябской зоны в развитии туризма / Р. А. Иброгимова // Республиканская научно-теоретическая конференция «Роль Кулябского государственного университета им. А. Рудаки в подготовке специалистов», посвящённая 70-летию университета. – Куляб, 2015. – Ч. II. – С. 30-32.

[9-А]. **Иброгимова, Р. А.** Куляб: туризм развивается / Р. А. Иброгимова // Молодёжь Таджикистана. – Куляб. – 2015. -№ 2.

[10-А]. **Иброгимова, Р. А.** Перспективы и препятствия туризму в Кулябской зоне / Р. А. Иброгимова // Республиканская научно-практическая конференция «Важность развития внутреннего туризма». – Душанбе, ТГПУ им. С. Айни, 2017. - С. 65-69.

[11-А]. **Иброгимова, Р. А.** Агротуризм и возможности его развития в Кулябской зоне / Р. А. Иброгимова // Республиканская научно-практическая конференция «Актуальные проблемы развития туризма и народных ремёсел в Республике Таджикистан». – Душанбе, ТГПУ им. С.Айни, 2018. - С. 73-76.

[12-А]. **Иброгимова, Р. А.** Роль музеев в развитии культурного туризма (на примере Кулябской зоны) / Р. А. Иброгимова // Областная научно-теоретическая

конференция «Роль туристической сферы и народных ремёсел в экономическом и социальном развитии Хатлонской области». – Куляб, 2018. - С. 60-63.

[13-А]. **Иброгимова, Р. А.** Трудности охраны и эффективного использования туристическо-экологических ресурсов горных регионов Республики Таджикистан / Р. А. Иброгимова // Республиканская научно-практическая конференция «Идеи всемирной эволюции в философии современной науки», посвящённая 30-летию Носударственной Независимости Республики Таджикистан. – Куляб, 2020. - С. 20-22.

[14-А]. **Иброгимова, Р. А.** Музеи Кулябской зоны и их роль в развитии культурно-познавательного туризма Республики Таджикистан / Р. А. Иброгимова // Вестник Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. – 2020. - № 1 (24). - С. 10-14.

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**
**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

*УДК*-338.48(575.3)

ББК 65.9 (2) 4(2 тадж)

И -15

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ИБРОГИМОВА РУХШОНА АБДУЛЛОЕВНА**

# НАҚШИ ИҚТИДОРҲОИ ТУРИСТИЮ РЕКРЕАТСИОНӢ ДАР ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТУ ИҶТИМОИЁТИ МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

**А В Т О Р Е Ф Е Р А ТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ

**Душанбе – 2023**

Кори илмӣ дар кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович -** доктори илмҳои география, профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризм Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон (ДДОТ) ба номи С. Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:** **Мамадризохонов Акбар Алихонович -** доктори илмҳои биологӣ, профессор, мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии Хоруғ, ба номи М. Назаршоев.

**Иброҳимов Эркин Ҳасанович** – номзади имлҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографии Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд, ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «19» июни с. 2023 соати 11:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои докторӣ ва номзадӣ дар назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ, дар суроғаи:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121 баргузор мегардад. E-mail: ihfo(a)tgpu.tj, тел: (+99237) 2241383.

Шиносоӣ бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва дар сомонаи www.tgpu.tj имкон дорад.

Автореферат санаи «____» ______ соли 2023 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳо иқтисодӣ, дотсент Ҷӯраев А. Ҷ.

## I. МУҚАДДИМА

**Муҳиммият ва зарурати гузаронидани таҳқиқот доир ба мавзӯи диссертатсия.** Аз солҳои 90-ми асри XX сар карда ба сабаби гузаштани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) ба муносибатҳои бозоргонӣ, сайёҳӣ ба соҳаи манфиатовари фаъолияти инсон мубаддал гашт ва маъруфияти он сол ба сол босуръат афзоиш ёфта, ба ҳамин сабаб, ташкил ва гузаронидани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста ба ин соҳа рӯз аз рӯз мубрам (замонавӣ) гашта истодааст.

Бо вуҷуди иқтидори бойи сайёҳӣ-рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳои зиёди он то ба ин замон аз нуқтаи назари азхудшавии сайёҳӣ-рекреатсионӣ кам омӯхташуда мебошанд.

Яке аз минтақаҳои диққатҷалбкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ минтақаи Кӯлоб мебошад. Бо мавҷуд будани захираҳои бойи табиӣ, мероси таърихӣ-маданӣ ва ҳамчунин, мавқеи мусоиди он дар шабакаи Бузурги Роҳи Абрешим, минтақаи Кӯлоб солҳои охир мавриди диққати махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин олимон ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, қарор гирифта истодааст.

Таҳлили масоили соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки айни замон туризм дар минтақаи Кӯлоб хеле суст ва бенизом мебошад, ҳарчанд, ки дурнамои он барои фароҳамоварии самаранок ва рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ҷолиб аст, рақобатпазир намебошад [3-М].

Захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоб ба рушд додани намудҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ, ки онҳо метавонанд эҳтиёҷоти васеъи сайёҳонро қонеъ гардонанд, имкон медиҳанд. Бо вуҷуди ин, барои рафъ намудани мушкилотҳое, ки ба рушди саёҳӣ монеа эҷод мекунанд, дар минтақа ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзиши маҷмӯи таъсиротҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ, зарур аст. Маҳз ҳамин ҷанбаҳо барои гузаронидани таҳқиқоти мазкур ҳамчун асос хизмат намуда, мубрамият, мазмун ва самтнокии кори диссертатсионии мазкурро таъмин намудаанд.

**Дараҷаи омӯзиши илмии масъала, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот:** Таҳқиқотҳои нисбатан амиқ ва классикии вобаста ба сайёҳӣ ва рекреатсия дар ИҶШС ва мамлакатҳои ИДМ ба як қатор муаллифон [А. Б. Авакян, А. Ю. Александрова, М. И. Барановский, Л. Б. Башалханова, М. Б. Биржаков, Ю. И. Блохин, П. В. Болшаник, Ю. А. Веденин, Ю. Д. Дмитриевский, А. Н. Дунетс, А. И. Зирянов, С. Р. Ёрдавлатов, А. Г. Низомиев ва диг.], тааллуқ доранд.

Захираҳои иқтидори фаъолияти рекреатсионӣ, вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сайёҳӣ, сифатнокии хизматрасониҳои сайёҳӣ дар ҶТ пас аз дар соли 1997 ба охир расидани мухолифати шаҳрвандии дохилӣ пайваста мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар ин замон, теъдоди асосии иттилооти сайёҳӣ дар мамлакат солҳои 2004-2020 аз ҷониби Ш. К. Абдуғаниев, Х. Аброров, Ш. З. Акобиров, З. Р. Бегматов, Д. М. Ғаниев, Н. Г. Ҷӯраева, У. И. Муртазоев, Р.Д. Диловаров, Ҷ. Н. Ёров, ва дигарон, ҳуҷҷатгузорӣ шудаанд.

Вобаста ба ҳамин дар ин муддат диссертатсияҳои номзадии А. В. Бредихин, А. Н. Дунетс, Ю. В. Кокина, Н. Ф. Лизитская, А. Ш. Султоналиева, М. И. Уголников, аз он ҷумла, дар ҶТ М. А. Азимова, З. Р. Бегматов, Ш. Д. Гадоев, Ҷ. Н. Ёров, М. И.

Қодирова, Х. Э. Карамхудоев, Н. В. Пивоварова, Д. Ш. Сангинов, У. А. Сафаров ва М. С. Собиров, ҳимоя гардидаанд.

Аз ҷумлаи диссертатсияҳои номбаршуда диссертатсияи номзадии Гадоев Ш. Д. оид ба мамнуъгоҳи “Дашти Ҷум” соли 2020 дар асоси маводҳои вобаста ба минтақаи Кӯлоб ҳимоя гардидааст. Ҳамин як ҳолат аллакай мавзӯи интихобшудаи таҳқиқотро, ки дар он вобастагии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (дар қатори дигар омилҳо) вобаста аз андозаҳо, усулҳо ва шаклҳои истифодабарии имконияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ монда шудааст, ҳамчун талаботи замона муаррифӣ мекунад.

Чи хеле, ки дида мешавад, бо вуҷуди бой будани захираҳои минтақаи Кӯлоб таҳқиқотҳои махсуси иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии минтақа, проблемаҳои ташаккулёбӣ ва дар амал ҷорикунии стратегияи рушди минтақавӣ миқёси калон надоранд ва ба ҳамин сабаб барои муҳайё намудани шароитҳо ҷиҳати рушди самараноки сайёҳӣ дар ҳудуди минтақа, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ зарур дониста мешавад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот:** омӯзиш ва таҳлили имконияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаммонандкунии он ва баҳодиҳии нақши он дар рушди самараноки иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа бо роҳи истифодабарии муносиб ва муназзам.

**Объекти таҳқиқот:** соҳаи сайёҳӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи Кӯлоб.

**Мавзӯи таҳқиқот**: ташаккул додани нуқтаи назари аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи раванди рушди сайёҳӣ дар базаи имконияти манбаи маҳаллӣ ва баҳодиҳии таъсироти он ба ташаккулёбии комплекси сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоб ҳамчун омили рушди пайвастаи иҷтимоӣ-иқтисодии он.

**Масъалаҳои таҳқиқот:**

1) муқаррар кардани ҷанбаҳои омӯзиши назариявӣ-методологии имконияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоби Ҷумҷурии Тоҷикистон ва аз ин ҷиҳат кушодани моҳияти асосҳои методологии иқтисодӣ-географии он;

2) ошкор намудани омилҳо ва заминаҳои барои рушд ва ҷойгиркунии имконияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ таъсир расонанда;

3) гузаронидани таҳлили ҷузъии баъзе шароитҳои табиӣ барои рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва баланд бардоштани имконияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи таҳқиқшаванда;

4) баҳо додани ҷанбаҳои таърихӣ, муосир ва иҷтимоӣ-иқтисодии рушд ва ҷанбаҳои сайёҳӣ дар минтақа ва ҳолати мавҷудбудаи истифодабарии хоҷагии сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар он;

5) қиёсан баҳо додани стратегияи рушди сайёҳӣ ҳамчун самти калидии идоракунии давлатии фаъолияти сайёҳӣ дар минтақа;

6) ошкор намудани қисмҳои асосии консепсияи рушди самараноки сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоби ҶТ ҳамчун омили пешбарандаи беҳшавии мавқеи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар минтақа;

7) муқаррар намудани анъанаҳои умумӣ, пешомадҳо ва самтҳои истифодабарии имконияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақа ва накши онҳо дар рушди сайёҳӣ дар ҳудуди он.

**Методологияи усулҳои таҳқиқот:** Ҳамчун асосҳои методологӣ вобаста ба сайёҳӣ ва географияи рекреатсионӣ корҳои илмии географҳо, ҳуқуқшиносон ва иқтисодчиёни хориҷа ва ватанӣ: россия - Н. С. Мироненко ва И. Т. Твердохлебова (1981), Ю. А. Веденина (1982) ва ғ.; белоруссия – И. И. Пирожника (1985); қазоқ – С. Р. Ёрдавлатова (2000); қирғиз – А. Г. Низомиева (2005), ҳамчунин корҳои илмии олимони ватанӣ: Х.М. Муҳаббатов (2003, 2014, 2015, 2019), У. И. Муртазоев (2005), З. Р. Бегматов (2019), Х. Аброров (2013), Д. Ғаниев (2015, 2016), Н. Ҷӯраев (2012), М. Каримова (2014), Д. Машокиров (2014), Ҷ.Н Ёров (2014), А. Хоҷаева (2015) ва ғ., хизмат намудаанд.

Дар вақти иҷрои кори диссертатсионӣ (солҳои 2013-2022) нуқтаи назари ҳудудӣ, маҷмӯӣ, низоми муайян ва типологӣ ба роҳ монда шуда, усулҳои тавсифоти илмӣ, картографӣ, моделсозии географӣ, муқоисавии географӣ ва математикӣ-оморӣ, истифода бурда шуданд.

Истифодаи усулҳои зикршуда дар диссертатсия ба муайян намудани таъсироти захираҳои туристӣ-рекреатсионӣ ва моҳи августи соли 2018 раъйпурсии гузаронидашудаи шаҳрвандон, аҳолии деҳот, мактаббачагони синфҳои болоӣ, донишҷӯён, сайёҳон (беруна ва дохилӣ) ва кормандони муассисаҳои сайёҳӣ (аз номбаршудаҳо 20 нафарӣ) ба баҳо додани афзалияти намудҳои сайёҳӣ, барои рушди сайёҳии минтақавӣ ҷиҳати дурнамо ва самтҳои рушди онҳо, имконият доданд.

**Соҳаи таҳқиқот:** Татбиқи назариявӣ ва амалии географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионии Тоҷикистон.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:** Интихоби аввал, андозабандӣ ва таҳлили асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар асоси адабиёти нашршудаи илмӣ ва сомонаҳои интернетӣ (2012-2014); дуюм – баҳодиҳии (бо тарзҳои гуногун) ҳолати муосири истифодаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоб (2015-2017); сеюм – интихоби стратегияҳо ва муайянкунии дурнамои рушди сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб (аз он ҷумла, дар асоси – in – sity пурсишҳо) – 2018-2020; чорум – ҷамъбаст ва коркарди маводҳои ҷамъоваришуда ва таҳияи кори диссертатсионӣ (2021-2022).

**Базаи асосии иттилоотӣ ва таҷрибавии таҳқиқот:**

Ҳамчун базаи иттилоотии таҳқиқоти гузаронидашуда адабиётҳо, маводҳои фондӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводҳо, ҳисоботҳои омории солонаи идораҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ оид ба сайёҳӣ, кумитаҳои давлатӣ ва вилоятии омор, истифода бурда шуданд.

Дар раванди таҳқиқоти амалигашта аз тарафи муаллиф таҳлили ҳолати муосири истифодабарии иқтидори сайёҳии минтақа гузаронида шуда, дар асоси он оид ба дурнамои истифодаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ барои рушди сайёҳии минтақавӣ, хулосабарорӣ гардид.

**Эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ:** Эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ба амалӣ намудани усулҳои гуногуни таҳқиқот, баҳисобгирии ҳаҷми калони маводҳои баромада (саҳроӣ, захиравӣ, бойгонӣ, фаврӣ) аз ташкилотҳои гуногун (Вазорат, Агентӣ, Кумитаҳо, Ҳукумати вилоят ва ноҳияҳо), ки дар асоси истифодаи усулҳои замонавии таҳлили оморӣ ҷамъбаст ва таҳлил карда шуданд, асоснок мегардад.

**Навоварии илмӣ:**

Навовариҳои илмии таҳқиқот чунин мебошанд.

1. Асосҳои илмӣ-методологӣ ва моҳияти иқтисодӣ-географии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ, ҳамчунин омилҳо, шароит ва заминаҳои ба рушди он дар шароитҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳи минтақаи Кӯлоб таъсир расонанда, асоснок карда шуданд.

2. Бо муқаррар намудани ҷанбаҳои таърихӣ, муосир ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷойгиршавӣ ва истифодаи захираҳои сайёҳии минтақаи Кӯлоб, таҳлили компонентии таъсири баъзе шароитҳои табиӣ ҷиҳати рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ, гузаронида шуд.

3. Ҳолати замонавии истифодабарии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии минтақа тахти таҳлил қарор гирифт.

4. Мавқеи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа таҳқиқ гардида, масъалаҳои стратегии рушди сайёҳии он муайян карда шуданд.

5. Алгоритми рушди қадам ба қадами сайёҳӣ пешниҳод гардида, дурнамои истифодабарии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо ошкор намудани самтҳои афзалиятноки намудҳо, тоифаҳои сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ дар ҳудуди минтақаи Кӯлоби ҶТ, муайян карда шуданд.

**Дар ҷараёни кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини илмӣ ҳосил гардиданд:**

1. Заминаҳои табиӣ ва омилҳои зоҳириву дохилии ба рушди сайёҳӣ ва рекреатсия дар минтақаи таҳқиқшаванда таъсир расонанда, ошкор карда шуданд.

2. Ҳолати истифодабарии замони гузашта ва ҳозираи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоб аз мавқеи иқтисодӣ- иҷтимоӣ- -географӣ, муқаррар гардиданд.

3. Стратегияи рушди сайёҳии минтақаи Кӯлоб, ки ба афзоиш ва дастгирии устувори он нигаронида шудааст, муайян карда шуд.

4. Марҳилаҳои мавҷудбудаи иҷтимоӣ-иқтисодии рушди сайёҳии минтақа ва самтҳои асосии рушди он дар оянда муқаррар карда шуданд.

5. Самтҳои ояндадори намуд ва гуруҳҳои сайёҳӣ, ки ба баландшавии суръати рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаи таҳқиқшаванда боис мегарданд, пешниҳод гардиданд.

**Нуқтаҳои асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб соҳаи сайёҳӣ ба таври кофӣ рушд наёфтааст. Барои таъмини (тавозуни) манфиатҳои ҳифзи табиат, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд мукотиботи байни таъсироти баъзе шароитҳои табиӣ бо намудҳо ва шаклҳои фаъолияти рекреатсионӣ, ки онҳо дар ҷанбаҳои таърихӣ, муосир ва иҷтимоӣ-иқтисодии истифодабарии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоб асос ёфтаанд, яке аз муҳимтарин фаъолиятҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ шаванд.

2. Барои танзими фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуди минтақаи Кӯлоб маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ, ки шакл, аломат ва миқёси фаъолияти рекреатсионии имрӯза ва ояндаро ба ҳисоб мегиранд, бояд ҷорӣ намуд.

3. Дар рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақа диққати асосӣ бояд ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи (ҲТММ), ки ҷойҳои тамошобоби сайёҳӣ ва манзараҳои табиӣ доранд, ҳамчунин вобаста ба экотуризм, сайёҳӣ-шикорчигӣ, агротуризм, айлоқ-сайёҳӣ дар пастхамии ноҳияҳои Балҷувон, Фархор, Темурмалик ва Ш. Шоҳин, нигаронида шаванд. Бояд сармоягузориҳо вобаста ба муҳайё намудани

шароитҳои мусоид барои рушди маҳз ҳамингуна ҳудудҳо, аз он ҷумла, ба ташкили аёдати ёдгориҳои қадимаи таърихӣ ва мадании минтақа дар асоси хатсайрҳои сайёҳии пешакӣ муайяншуда, нигаронида шаванд.

4. Дурнамои рушди сайёҳии минтақаи Кӯлоб дар мавқеи мусоиди ҷойгиршавӣ афзалиятнок (ҷойгиршавии минтақа дар Роҳи Бузурги Абрешим), мавҷудияти шабакаи инкишофёфтаи нақлиёт, инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шароити мусоиди табиӣ-иқлимӣ, иқтидори баланди ландшафтӣ-рекреатсионӣ ва таърихӣ-маданӣ, маънидод мегардад.

Истифодаи бартариятҳои номбаршуда, ки дар кори диссертатсионӣ манзур гардидаанд, аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии онро муайян мекунанд. Дар ҳолати расонидани қабули ҳарсолаи 5 ҳазор сайёҳон, минтақа метавонад 3,25 млн. доллари ИМА ба даст орад.

5. Минтақаи Кӯлоб аз ҷиҳати макон (дар асоси баҳодиҳии компонентӣ ва интегралии иқтидори захираҳои табиӣ вобаста ба ҷолибияти экологӣ, эстетикӣ ва маданӣ-маърифатнокӣ) барои намудҳои гуногуни сайёҳӣ: илмӣ, саёҳати таърихи табиат, этнографӣ, динӣ, пурмоҷароӣ, сафар намудан ба мамнуъгоҳҳои табиӣ ва ҷойҳои захиравӣ, фарқият дорад.

6. Дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ дар манзари мавқеи умумии иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ба шакли ҷалби сармоя ба он, ворид намудани тартиби қатъии сертификатсия ва иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ, сохтмони меҳмонхонаҳо дар пастхамии ноҳияҳои Балҷувон, Ш. Шоҳин, Ховалинг ва дигар чорабиниҳо, муаррифӣ мегардад.

**Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба Шиносномаи номенклатураи тахассусоти КАО назди Президенти ҶТ аз рӯи тахассуси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, мувофиқат мекунад. фасли 8. Рушди устувори ҳудуд бо дар назар доштани ғунҷоиши он, ҳамчунин сармояи иқтисодӣ, инсон ва табиат. 11. Ташкили ҳудудӣ ва ҷойгиркунии соҳаҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ, дигар доираҳои фаъолияти инсон, аз он ҷумла, доираи хизматрасониҳо.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** ба самтнокии он вобаста ба коркарди асосҳои илмӣ, баҳодиҳии таъсироти истифодабарии рекреатсионии табиат ҷиҳати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳ, ифода меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

Мавқеъи асосӣ, тавсияҳои амалӣ ва усулҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, метавонанд дар соҳаи сайёҳӣ-рекреатсионии истифодабарии табиат дар миқёси минтақа, ҳангоми коркарди лоиҳаҳои бунёди ҳудудҳо ва объектҳо барои ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ; ҳангоми коркарди хатсайрҳои сайёҳӣ ва пайроҳаҳои экологӣ, истифода бурда шаванд.

Ба ғайр аз ин, маводҳои таҳқиқот метавонанд дар коркарди лексияҳои муаллимони факултетҳои мактабҳои олии самти сайёҳӣ дошта, барои менеҷерҳои фирмаҳои агентии сайёҳӣ, ташкилгарони шаклҳои гуногуни баланд бардоштани тахассусоти муаллимони мактабҳо, коллеҷҳо, литсейҳо ва ташкилотҳои сайёҳӣ, истифода бурда шаванд. Барои минтақаи Кӯлоб нақшаҳои ояндадори ташаккулдиҳӣ ва рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ омода карда шудаанд.

Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад имконияти ба даст овардани манбаҳои нави даромад, аз он ҷумла, ба шакли асъори хориҷӣ, бунёди ҷойҳои иловагии

корӣ ва аз ҷониби ҷавонон омӯхтани касбҳои нави замонавии даромади калон доштаи ба сайёҳӣ вобастаро диҳад.

Натиҷаҳои ҳосилшуда ба пайдо гардидани стратегия ва усулҳои фаъолияти рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ёрӣ медиҳанд.

**Ҳиссаи (илмии) шахсии муаллиф:** иқтидори захираи табииро ҳамчун асоси табиӣ барои рушди сайёҳӣ дар он нишон додан; баҳодиҳии миқёс, самтҳо ва намудҳои сайёҳӣ дар минтақаи таҳқиқшаванда; ҳосил намудани натиҷаҳои интегралии таъсири сайёҳӣ ба иқтисодиёти минтақаи таҳқиқшаванда ва пешомадҳои он, ифода ёфтааст.

**Санҷиши вазъи илмӣ ва интишорот:**

Ҳолати асосии кори диссертатсионӣ дар ҷаласаҳои кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб, 2013-2022) маърӯза шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои кор дар конференсияҳо вобаста ба мавзӯъҳои: "Сиёсати инноватсионӣ дар доираи беҳгардонии манбаҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва проблемаҳои рушди сайёҳӣ (Душанбе, 2013), "Рушди соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Хатлон" (Бохтар, 2014), "Имкониятҳои рушди сайёҳӣ дар шаҳри Кӯлоб" (Кӯлоб, 2015), "Истифодаи самараноки имконияти сайёҳии вилояти Хатлон, Имкониятҳои ҷалб намудани сайёҳон ба мавзеи Сари Хосори ноҳияи Балҷувон" (ноҳияи Балҷувон, 2016), семинари омӯзишӣ-тавсиявии "Ташкили меҳмонхонаҳои замонавии "Хостел" ва "Гестхаусҳо" (ноҳияи Муъминобод, 2016), "Имконияти рушди сайёҳии дохилӣ" (Душанбе, 2017), "Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ – омили рушди сайёҳӣ" (Кӯлоб, 2017), "Тоҷикистон – мамлакати беҳамтои сайёҳӣ ва ҷойи ҳунарҳои мардумӣ" (Кӯлоб, 2018),"Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон" (Кӯлоб, 2018) "Ғояи таҳавулотгароии умумиҷаҳонӣ дар фалсафаи илми муосир" (Кӯлоб-2020), гузориш дода шудааст.

**Пуррагии инъикоси натиҷаҳои диссертатсия дар интишорот**

Муқарароти асосии диссертатсия дар 14 мақолаҳои муаллиф, аз он ҷумла, дар 4-маҷалла, ки ба номгӯи маҷаллаҳои илмӣ ва нашриётҳои ба рӯйхати аз тарафи КАО назди Президенти ҶТ тасдиқшуда дохил мешаванд, нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Кори диссертатсионӣ аз Муқаддима, 3 боб ва хулосаҳои онҳо, Хулоса ва ду замима бо ҳаҷми умумии 180 саҳифаи матни чопшуда, аз он ҷумла, 20 расм, 25 ҷадвал мебошад. Рӯйхти адабиётҳои истифодашуда 155 ададро ташкил медиҳад.

**Дар Муқаддима** мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи коркардшавии он тавсиф гардидааст, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, методология ва усулҳои таҳқиқот тасвият шудаанд, навгонии илмӣ, натиҷаҳои ҳосилшуда ва арзишнокии назариявию амалӣ, инъикос ёфтаанд. Мавқеи илмии ба ҳимоя баровардашаванда баён гардида, истифодабарӣ, апробатсия ва нашри натиҷаҳои кор, манзур гардидаанд.

Дар боби якум **«Хусусиятҳои назариявӣ-методологии омӯзиши иқтидорҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ»** асосҳои методологӣ ва моҳияти иқтисодӣ-географии иқтидорҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, ҳамчунин омилҳои шароитҳои географӣ, заминаҳои рушд ва ҷойгиршавии (ташкилоти ҳудудӣ) захираҳои рекреатсионӣ, кушода шудаанд.

Дар боби дуюм **«Ҳолати муосири истифодабарии иқтидорҳои сайёҳии минтақаи Кӯлоб»** оид ба рушди сайёҳӣ дар минтақа то оғози таҷрибаи сотсиалистӣ маълумотҳои таърихӣ оварда шуда, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии истифодаи манбаҳои сайёҳии

минтақа ва ҳолати мавҷудбудаи истифодабарии имконияти сайёҳӣ-рекреатсионии он, муқаррар карда шудаанд.

Боби сеюм **«Харитаи роҳнамои (нақшаи амалиёт) рушди сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба асосноккунӣ ва интихоби стратегия ва рушди сайёҳӣ ҳамчун самти калидии танзими давлатии фаъолияти сайёҳӣ, ҳамчунин самти асосии рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар минтақаи таҳқиқшаванда, бахшида шудааст.

**Дар хулосаҳои бобҳо ва Хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

**Дар замимаҳо** порчаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани Стратегияи рушди сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб дар давраи то соли 2030 ва ба алоҳидагӣ дар солҳои 2019-2022 ва ҷамъбасти рейтинги гузаронидашудаи ҷолибияти минтақаи Кӯлоб ва роҳҳои такмилдиҳии рушди сайёҳӣ ва рекреатсияи он дар миёни 120 раъйдодагони гуногун, ҷойгир карда шудаанд.

## II. МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заминаҳои табиӣ (иқлимӣ, орографӣ, гидрологӣ ва ғ.) асос ёфта, аз як қатор омилҳо: рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудуд, ҳолати инфрасохтор, дараҷаи хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва сайёҳии замонавӣ, дастрасии молиявии манзили зист, табобат ва ғ., вобастагӣ дорад ва мувофиқи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ва дар доираи солҳои 2019-2021 – "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"-и қаблан эълоншуда, амалӣ мегардад.

Дар мамлакат сайёҳӣ мунтазам рушд ёфта истодааст. Барои мисол, афзоиши теъдоди сайёҳон ба Тоҷикистон дар соли 2019 нисбати соли 2018 21,5%-ро ташкил додааст. Дар соли 2019 ҳамагӣ 1319,2 ҳазор шаҳрвандони хориҷа ба Тоҷикистон ташриф овардаанд. Қисми зиёди он (1257,3 ҳазор нафар), ин сайёҳони бо мақсади сайёҳӣ ва 61,9 ҳазори онҳо бо ташрифоти экскурсионӣ, ворид гардидаанд. Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД Тоҷикистон дар соли 2018 – 1%-ро ташкил додааст. Аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ вазифагузорӣ гардидааст, ки ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД мамлакат то соли 2030 то ба 8% расонида шавад.

Ба ин тасмим як қатор ҳолатҳо мусоидат намудаанд.

Тавассути марзи Тоҷикистон роҳи маъруфи корвонгузари "Роҳи Бузурги Абрешим", гузаштааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мамнӯъгоҳҳои таърихӣ, маданӣ ва қадима бунёд гардидаанд. Қаторкӯҳҳои дар ҳамаи ҷаҳон маълуми Помир, Фон бо табиати дилфиребашон яке аз ҷалбкунандагони сайёҳон мебошанд. Маҳз дар Тоҷикистон кӯҳҳо 93% ҳудудро ишғол намудаанд. Дар тамоми олам шоҳроҳи Помир, ки аз шаҳри Душанбе то шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон тӯл кашидааст, машҳур аст[5-М; 6-М].

Аз рӯи ақидаи «National Geographic» вай дар миёни даҳ ағбаҳои хушманзараи дунё ба қайд гирифта шудааст. Аз рӯи баҳодиҳии «BBC» ҶТ ба қатори даҳ самтҳои соҳаи сайёҳии пурмоҷаро дохил карда шудааст. «Globe Sports» ҳисоб мекунад, ки ҶТ ба қатори даҳ мамлакатҳои шавқовари дунё дохил мешавад. Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе барои сайри шабона аз ҳама бехатар эътироф гардидааст (аз рӯи баҳодиҳии «The Indeperent»). Дар рӯйхати маҷаллаи "Аз ҳама мамлакатҳои

сайёҳии ҷолиби дунё” – Vander host tourism magazine, ки дар Британия нашр гардидааст, дар аввали соли 2014 Тоҷикистон ҷойи 4-ро ишғол намуда буд.

Дар ин самт минтақаи Кӯлоб, ки имконияти бойи иҷтимоӣ-иқтисодӣ (гуногунии зонаи табиӣ, ландшафтҳо ва ҷойҳои тамошобоб, ёдгориҳои зиёди таърихӣ, анъанаҳои гуногуни халқӣ, урфу одатҳо, ҳунарҳои беҳамто ва таомҳои миллӣ) дошта, такрористеҳсолкунии худӣ ва барқароршавӣ, ташкил ва рушди самараноки фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсиониро таъмин мекунад, аҳамияти махсусро доро мебошад [12-М]. (расми 1-2). Аммо имрӯз захира ва имконияти минтақаи Кӯлоб ба мақсади сайёҳӣ ба таври самаранок ва кофӣ истифода бурда намешавад ва ба ҳамин сабаб, натиҷаи ин гуна фаъолият назаррас намебошад.




Расми 1. Мавқеъи минтақаи Кӯлоб (1) дар харитаи сиёсии ҶТ
(аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст).



Расми 2. Минтақаи Кӯлоби ҶТ (аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст).

Рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар минтақа бояд ботартиб амалӣ гардад, ки аз ин ҷиҳат дар диссертатсия хусусиятҳо ва аҳамияти зерсистемаҳо: табиӣ, техникӣ, ҳайати хизматрасон ё рекреаторҳо, органҳои идоракунанда, истироҳаткунандагон ё рекреантҳо – шароитҳои асосии фаъолияти муваффақонаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ, баррасӣ гардидаанд. Омили асосии рушди сайёҳӣ ва рекреатсия шароитҳои табиӣ мебошанд. Барои баҳодиҳии он ҳароратҳои миёнаи моҳонаи ҳаво ва боришот дар қисмати шимол – Ховалинг, ҷануб – Фархор, ғарб – Данғара, шарқ – Муъминобод ва марказ – ш. Кӯлоб таҳлил карда шуда, меҳмонони ба минтақаи Кӯлоб дар солҳои 2010-2018 ташрифоварда ба ҳисоб гирифта шуданд. Ҳамчун мисол маълумотҳои ба шаҳри Кӯлоб дахлдошта оварда шудаанд (расми 3-4).




Расми 3. Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво (°C) дар ҳудуди қисмати Марказии минтақа, и/о Кӯлоб




Расми 4. Миқдори миёнаи моҳонаи боришот (мм) дар ҳудуди қисмати Марказии минтақа, и/о Кӯлоб

Муқаррар гардид: а. ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб аз 12.27 то 16.92°C-ро ташкил медиҳад. Ҳатто дар моҳи аз ҳама сард (январ), ҳарорати

миёнаи бисёрсолаи ҳаво аз -2.2 то +2.32ºC ташкил додааст, ки барои рушди самараноки сайёҳӣ (маърифатӣ, пиёдагардӣ, этнографӣ, динӣ) мусоид аст, ҳамчунин варзиш, саворагардӣ ва суратгирӣ, машғулияти обӣ: оббозӣ, нерӯ гирифтан аз офтоб, шиноварӣ ва ғ., дар ҳудуди минтақа.

Июл моҳи нисбатан гарм мебошад, ки ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар қисматҳои гуногуни минтақа аз 21.8 то 30.9ºC, майл мекунад. Вобаста ба реҷаи ҳарорат давраҳои баҳору тирамоҳ, бо паст гардидани гармӣ нисбатан мусоид мебошанд. Бояд маҳз дар ин давра намудҳои номбаршудаи сайёҳӣ рост оянд. Ҳолати мазкурро тӯфонҳои чангдор чанде бад мекунанд, ки дар (и/о Кӯлоб) 16 рӯз дар моҳи январ ва 7 рӯз ба моҳҳои июн-июл, рост меоянд.

б. Вобаста аз мавсим дар давоми сол дар қисматҳои минтақа боришот нобаробар мебошад.

Ҳаҷми зиёди боришот дар моҳи феврал ва ҳадди ками он моҳи июл, мушоҳида гардидааст. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар моҳи феврал сайёҳии пиёда ва савора бояд маҳдуд гарданд, аммо дар моҳи аз ҳама гарми сол – июл, аз намудҳои номбаршудаи сайёҳӣ (ба ғайр аз илмӣ, спелеологӣ (ғоршиносӣ) ва этнографӣ), бояд худдорӣ намуд.

Миқдори ками боришот дар моҳҳои июн-август мушоҳида мешаванд (танҳо 3 моҳ аз дувоздаҳ моҳи сол), ки барои ташкили фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар минтақа ҳамчунин хеле мусоид ҳисобидан мумкин аст.

Таҳқиқоти аз тарафи мо гузаронидашуда (солҳои 2012-2022) ҷиҳати ташаккулёбӣ ва рушди сайёҳӣ дар шароитҳои минтақаи Кӯлоб нишон доданд, ки соҳаи мазкур танҳо ҳоло ба ташаккулёбӣ оғоз намудааст, ҳарчанд, ки минтақа таърихи ниҳоят қадима дорад.

Ҳануз дар асрҳои VI – IV то эраи мо вилояти Хуталл (номи пешинаи минтақаи Кӯлоб) ба ҳайати давлати Ҳахоманишинон дохил шуда буд, баъдтар аз тарафи Искандари Мақдунӣ ишғол гардида буд. Аз ҳамон замон ва то оғози зуҳури аввали сайёҳии худфаъолиятӣ дар минтақа таҳкурсии таърихии он ба шакли истеҳсолоти хурд (кулолгарӣ, матоъҳои пахтагиву абрешимӣ, мисгарӣ, қолинбофӣ ва ғ.), ки қад-қади шохроҳи Роҳи Бузурги Абрешим инкишоф ёфта буд (Чағониён, Шумон, Аҳорун, Қубодиён, Вахш, Хуттал, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон ва Вахон).

Дар минтақа ва атрофи он боқимондаҳои шаҳрҳои қадима: Ҳулбук, Мунк, Бубакон, Тадичароғ, Сайёд, Лангар ва ғ воқеъ гардида буданд ва қалъаи Ҳулбук ки ҳудуди байни Панҷу Вахшро ишғол менамуд пойтахти мамлакати Хутал ҳисобида мешуд[6-М]. Ба қатори ёдгориҳои таърихии минтақаи Кӯлоби онзамона қурбонгоҳҳои давраҳои зардуштӣ, Маҷмааи Қаср ва хонаи ҳунарманд дар Сайёд, мақбараҳо: Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Султон Увайси Қаранӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ ва ғ., қалъаҳои Қалъаи Мир, Қалъаи Ҳулбук, Қалъаи Муъминобод, шаҳраки қадимаи Мунк, кӯҳҳои намаки Хоҷа Муъмин ва Хоҷа Сартез, осорхонаи кишваршиносии шаҳри Кӯлоб бо 1500 нигораҳо, доманакӯҳи Ҳазрати Шоҳ, Шаршараи Сари Хосор ва ғ.-ро метавон нисбат дод[7-М; 8-М].

Манбаҳо ва зуҳуроти аввалини сайёҳии худфаъол дар минтақаи Кӯлоб пас аз давраи таърихии тавсифшуда ба охирҳои асри XIX – аввали асри XX ва ташаккул ёфтани сайёҳии муташаккил ба нимаи дуюми асри XX, рост меоянд. Дар ин давра танҳо

сайёҳии равонашавӣ тавлид гардида, дар давраи пасошӯравӣ, бо ба даст омадани Истиқлолияти ҶТ, нисбатан фаъолона рушд ёфтааст.

Дар ҳолати самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ ба даст овардани нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонии ташрифи як сайёҳ (650 долл. ИМА) ба минтақаро ба даст овардан имкон дорад. Бо ҳамингуна натиҷаҳо аз рӯи ҳисоби мо ҳангоми қабули ҳарсолаи ҳатто 10 ҳазор сайёҳон, даромади сайёҳӣ метавонад то 6,5 млн. долл. ИМА расад.

Ҷолибияти рекреатсионии ноҳияҳо аз рӯи 4 меъёр муайян карда шудааст.

Меъёри аввалини он аз баҳодиҳии музди маоши миёнаи моҳонаи номиналии ноҳияҳои минтақа (ҷадв. 1.), ки ба 1006,42 сомонӣ баробар аст ва зичии миёнаи аҳолӣ 179,73 одам/км² мебошад, иборат аст.

Ҷадвали 1.

Баъзе нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-географии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони ҶТ дар соли 2020

| Нишондиҳандаҳо | Ноҳияҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Кӯлоб | Восеъ | Хамадони | Ховалинг | Балҷувон | Данғара | Муъминобод | Ш.Шохин | Фархор | Темурмалик | Миёна |
| Ҳудуд, ҳаз. км² | 0,3 | 0,8 | 0,5 | 1,7 | 1,3 | 2,0 | 0,9 | 2,3 | 1,2 | 1,0 | - |
| Аҳолӣ, ҳаз. нафар | 218,3 | 220,9 | 151,3 | 59,2 | 31,4 | 166,2 | 96,8 | 56,4 | 174,6 | 71,1 | - |
| Музди маоши номиналии моҳона, сомонӣ | 1106,94 | 882,74 | 863,15 | 1385,37 | 899,09 | 1467,93 | 806,94 | 823,23 | 754,45 | 1074,22 | 1006,42 |
| Зичии аҳолӣ, нафар дар 1км² | 727,8 | 276,1 | 302,7 | 34,8 | 24,1 | 83,1 | 107,6 | 24,5 | 145,5 | 71,1 | 179,73 |
| Манбаъ: [101]-Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ: Маҷмӯаи оморӣ /гурӯҳи муаллифон.- Душанбе. Агентии омори назди Президенти ҶТ, с-2021,- С. 20-21,75-76, 27-28. | | | | | | | | | | | |

Ноҳияҳое, ки дар ҳудуди музди миёнаи маоши минтақавӣ қарор доранд, ба сатҳи миёнаи рушд нисбат дода шуданд; ноҳияҳои бо нишондодҳои боло ва поён аз 1006,42 сомонӣ мутаносибан, ҳамчун ноҳияҳои дорои сатҳи баланд ва пасти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, қабул карда шуданд (расми 5).




**Расми 5.** Гурӯҳбандии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб аз рӯи сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соли 2020 (аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст)

Ба гурӯҳи якуми ноҳияҳо, яъне дорои сатҳи баланди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ноҳияҳои Ховалинг, Данғара ва Кӯлоб, тааллуқ доранд. Сатҳи рушди ноҳияҳои Шӯробод, Муъминобод ва Ҳамадониро метавон ҳамчун миёна баҳо дод. Ба гурӯҳи сеюми ноҳияҳо, ки нисбатан бо сатҳи пасти рушд фарқ мекунанд, ноҳияҳои Балҷувон, Восеъ, Фархор ва Темурмалик, тааллуқ доранд[4-М].

Хусусиятҳои хоси ноҳияҳо бо рушди сатҳи баланду миёна инҳо мебошанд:

− ҷойгиршавии географии нисбатан мусоид ва дастрас;

− бойигарии объектҳои беҳамтои таърихӣ-маданӣ ва меъморӣ;

− дар ноҳияҳо мавҷудияти базаҳо барои шикори ҳайвоноти ваҳшӣ, шароитҳо барои доштани энтомофауна, ҷамъоварии маҳсулоти рустаниҳои худрӯ (рустаниҳои доруворӣ, хориҷ, меваҳо, алаф);

− ҷойҳои гузаронидани чорабиниҳои гуногуни вобаста ба ҳодисаҳои муҳим: идҳои миллӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, чорабиниҳои илмӣ, динӣ ва ғ.

Меъёри дуюм, дар ноҳияҳо мавҷуд будани объектҳои зиёди таърихӣ-маданӣ, меъморӣ ва ғ., мебошад. Миқдори онҳо дар минтақаи таҳқиқшаванда чунин аст:

| | |
|---|---|
| Кӯлоб – 82 | Муъминобод – 80 |
| Восеъ – 70 | Ш. Шоҳин – 82 |
| Ҳамадонӣ – 44 | Фархоар – 82 |
| Ховалинг – 56 | Темурмалик – 76 |
| Балҷувон – 76 | Данғара – 80 |

**Манбаъ: Бахши сайёҳии вилояти Хатлон, 2021**

Майдонҳои ноҳияҳо (ҷадв. 1) ва миқдори объектҳои таърихӣ-маданӣ, меъморӣ ва дигар объектҳои онҳо истифода бурда шуда, зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ ҳудуди ноҳияҳои минтақаи таҳқиқишаванда (дар таносуб) муайян гардидааст:

| | |
|---|---|
| Кӯлоб – 0,27 | Ховалинг – 0,03 |
| Восеъ – 0,09 | Балҷувон – 0,06 |
| Ҳамадонӣ – 0,09 | Муъминобод – 0,09 |

Ш. Шоҳин – 0,04 Темурмалик – 0,08

Фархор – 0,07 Данғара – 0,04

Чи хеле, ки дида мешавад аз рӯи ин нишондод пешсаф ноҳияи Кӯлоб ва пас аз он ба андозаи камшавӣ ноҳияҳои Восеъ, Ҳамадонӣ, Муъминобод, Темурмалик, Фархор ва Балҷувон, мераванд. Пасмондагон ноҳияҳои Данғара, Ш. Шоҳин ва Ховалинг мебошанд.

Ин ҳолат бо меъёри сеюм ишора мекунад: рейтинги ҷолибияти сайёҳии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, ки тавассути раъйпурсии in – sity (замима ба диссертатсия) 120 нафар гузаронида шудааст ва рейтинги нисбатан баланди ноҳияи Кӯлоб (25% ҷолибият) ва Муъминобод (18%)-ро нишон додааст.

Маҳз дар ноҳияи якум 35% меҳмонхонаҳои минтақаи Кӯлоб ва дар Муъминобод 2 маротиба кам – 15%, ҷойгир шудаанд. Маълум аст, ки дар ҷойҳои камаҳолӣ (ноҳияҳои Балҷувон, Ш. Шоҳин ва Ховалинг) бояд меҳмонхонаҳо зиёд сохта шаванд.

Вобаста ба меъёри 4 сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ёрирасони минтақа қабул гардидааст (ҷадв. 2).

Ҳангоми таҳияи он миқдори объектҳои инфрасохтори сайёҳии 10 ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб вобаста ба зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ майдони онҳо, ба назар гирифта шудааст. Аз ҳама нишондоди калон ба сатҳи баланд ва камтарин – ба сатҳи пасти рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ёрирасони минтақа, мувофиқат намудааст. Нишондоди миёна сатҳи миёнаро ифода мекунад[2-М].

Ҷадвали 2.

Сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ёрирасони ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб

| Объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ | Сатҳ | Ноҳияҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Кӯлоб | Восеъ | Ҳамадонӣ | Ховалинг | Балҷувон | Муъминобод | Темурмалик | Ш. Шоҳин | Данғара | Фархор |
| Объектҳои намоишии сайёҳӣ | Б | | | | | | | | | | |
| | М | | | | | | | | | | |
| | П | | | | | | | | | | |
| Воситаҳои ҷойгиркунӣ (меҳмонхонаҳо) | Б | | | | | | | | | | |
| | М | | | | | | | | | | |
| | П | | | | | | | | | | |
| Муҳити хӯроки умумӣ | Б | | | | | | | | | | |
| | М | | | | | | | | | | |
| | П | | | | | | | | | | |
| Хизматрасонии тиҷоратӣ | Б | | | | | | | | | | |
| | М | | | | | | | | | | |
| | П | | | | | | | | | | |
| Хизматрасонии нақлиётӣ | Б | | | | | | | | | | |
| | М | | | | | | | | | | |
| | П | | | | | | | | | | |
| Муҳити фароғатӣ ва дилхушӣ | Б | | | | | | | | | | |
| | М | | | | | | | | | | |
| | П | | | | | | | | | | |

*Аломатҳои шартӣ:* Б – сатҳи баланд; М – сатҳи миёна; П –сатҳи паст

*Манбаъ:* Маълумотҳои Бахши сайёҳии Ҳукумати Кӯлоб соли 2020

Чи хеле, ки дида мешавад дар ин ҷо ҳам ноҳияҳои Кӯлоб ва Восеъ пешсаф мебошанд.

Маълум аст, ки бо ташкил ва рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ноҳияҳои бо сатҳи миёнаву пасти инкишофёбӣ инфрасохторҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таҷдид оғоз мекунанд, роҳҳои наву пешина, меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки умумӣ сохта шуда, кӯҳнаҳо таъмир мегарданд, марказҳои таърихӣ таҷдид гашта, марказҳои тиҷоратӣ, тиҷоратӣ-намоишӣ кушода мешаванд, хизматрасониҳои шабакаҳои алоқа васеъ гашта, миқдори воридшавии сайёҳон дар ноҳияҳои минтақа афзоиш меёбанд, афзоиши ҳаҷми содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ таъмин мегардад, потенсиали илмӣ-техникии аз талабот бозмондаи ноҳияҳо азхуд мегарданд, мероси иҷтимоӣ-маданӣ ва табиӣ ҳифз мешаванд, барои ҳамаи тоифаҳои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ муҳайё гардида, ба буҷаи минтақа ва ҷумҳурӣ воридшавии асъори хориҷӣ афзоиш меёбад.

Барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ дар территория манбаҳои асосии сармоягузорӣ бояд воситаҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ ва буҷаҳои минтақавӣ бошанд. Дар як замон барномаҳои байналхалқӣ ва грантҳо, ки аз тарафи лоиҳаҳои гуногун барои амалигардонии рушди сайёҳӣ дар минтақа ҷалб мегарданд, манбаи муҳими сармоягузорӣ мебошанд.

Барои ташкили сайёҳии экологӣ, треккингҳо ва суратгирӣ ноҳияҳои Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон ва Ш. Шоҳин хеле ояндадор мебошанд (расми 6). Ин ноҳияҳо сайёҳонро бо хусусиятҳои (манзараҳои) беҳамтои табиӣ ва рекреатсионӣ ҳамчунин олами растаниҳо ва ҳайвоноти бойи худ ҷалб мекунанд [7-М; 9-М].



Расми 6. Ҷойҳои тамошобоби минтақаи Кӯлоби ҶТ ва баъзе намудҳои сайёҳии пешниҳодшаванда (аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст)

Ташкили мувофиқ, банақшагирӣ ва идораи намудҳои сайёҳии оммавишудаи афзоишёбандаи ҳам воридшавӣ ва ҳам дохилӣ, бо такя намудан ба намудҳои алоҳидаи сайёҳии сармоягузории камро талабкунанда ба монанди: сайёҳии сабзи деҳот,

экосайёҳӣ, сайёҳии дилхушкунанда (пурмоҷаро), сайёҳии варзишӣ ва ғ., ба рушди қадам ба қадами он имкон медиҳад[11-М; 14-М].

Барои ноҳияҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ таназзулёфта (Балҷувон, Восеъ, Фархор ва Темурмалик) рушди сайёҳии деҳотро ҳамчун самти хеле ояндадор ҳисобидан мумкин аст, ки он ба ихтисори сатҳи бекорӣ дар деҳот, ба як маҷро даровардани рушди соҳибкории хурд ва ғ., боис мегардад. Таҷрибаи баъзе мамлакатҳои хориҷа (Австрия, Ирландия, Испания, Швейсария, Венгрия ва ғ.) самаранокии баланди сайёҳии деҳотро нишон медиҳад. Ба ҳамин сабаб, дар баъзе мамлакатҳои аврупо ин намуди сайёҳӣ ҳамчун барномаи иҷтимоии дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ ва кишоварзӣ дар вақти озод аз кори асосӣ, баррасӣ мегардад.

Муқаррар карда шудааст, ки соли 2020 дар минтақаи Кӯлоб соҳаи сайёҳӣ бо 240 муассисаҳо ва ташкилотҳо муаррифӣ гардидааст (ҷадв. 3, расми 7,).

Ҷадвали 3.

Муассисаҳои (ташкилотҳои) соҳаи сайёҳии минтақаи Кӯлоб соли 2020,

| Ноҳияҳо | Меҳмонхонаҳои махсусгардонида шуда | | Муассисаву ташкилотҳои фароғатӣ ва сайёҳӣ, | | Муассисаҳои варзишӣ-беҳдоштӣ. | | Мауссисаҳои махсусгардонида шудаи тиҷоратӣ. | | ҲТММ | | Муассисаҳои нақлиётӣ. | | Тарабхонаҳо | | Хадамоти таблиғотӣ. | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯлоб | 10 | 16,5 | 6 | 9,8 | 5 | 8,2 | 5 | 8,2 | - | - | 7 | 11,4 | 25 | 41 | 3 | 4,9 | 61 | 100 |
| Восеъ | 2 | 9,4 | 3 | 14,2 | 2 | 9,5 | 2 | 10 | - | - | 3 | 14,2 | 6 | 28,5 | 3 | 14,2 | 21 | 100 |
| Ҳамадонӣ | 2 | 10,5 | 1 | 5,3 | 1 | 5,3 | 1 | 5,3 | - | - | 1 | 5,3 | 10 | 52,63 | 3 | 15,7 | 19 | 100 |
| Ховалинг | 3 | 10 | 1 | 3,3 | 8 | 26,8 | 3 | 10 | 1 | 3,3 | 1 | 3,3 | 10 | 33,3 | 3 | 10 | 30 | 100 |
| Темурмалик | 2 | 16,8 | 1 | 8,3 | 1 | 8,3 | 1 | 8,3 | | | 1 | 8,3 | 3 | 25 | 3 | 25 | 12 | 100 |
| Балҷувон | 1 | 7,1 | 2 | 14,3 | 2 | 14,3 | 3 | 21,4 | - | - | 2 | 14,3 | 1 | 7,1 | 3 | 21,5 | 14 | 100 |
| Муъминобод | 4 | 19,4 | 1 | 4,7 | 2 | 9,5 | 2 | 9,5 | 1 | 4,7 | 1 | 4,7 | 7 | 33,3 | 3 | 14,2 | 21 | 100 |
| Ш.Шоҳин | 1 | 8 | 1 | 8 | 2 | 15,5 | 2 | 15,5 | 2 | 15,5 | 1 | 7,6 | 1 | 7,6 | 3 | 23,7 | 13 | 100 |
| Данғара | 3 | 10,3 | 5 | 17,5 | 2 | 6,9 | 3 | 10,3 | - | - | 5 | 17,5 | 8 | 27,2 | 3 | 10,3 | 29 | 100 |
| Фархор | 2 | 10 | 3 | 15 | 1 | 5 | 3 | 15 | 1 | 5 | 3 | 15 | 4 | 20 | 3 | 15 | 20 | 100 |
| Ҳамагӣ дар минтақаи Кӯлоб ба ҳисоби миёна | **30** | **12,5** | **24** | **10** | **26** | **10,8** | **25** | **10,5** | **5** | **2,1** | **25** | **10,4** | **75** | **31,2** | **30** | **12,5** | **240** | **100** |

***Манбаъ:*** Маълумотҳои Кумитаи кор бо туризми вилояти Хатлон, 2020 г.




Расми 7. Ҷойгиршавии муассисаҳои сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб (с.2020), воҳид

Чи хеле, ки мебинем, нишондиҳандаи зиёди тарабхонаҳо – 31,2% ва дараҷаи ками ҲТММ – 2,1% (расми 8).




Расми 8. Ҷойгиршавии муассисаҳои соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб (с.2020)

Аз маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда дида мешавад, ки аз ним зиёди муассисаҳо ва ташкилотҳои соҳаи сайёҳӣ дар ноҳияи Кӯлоб, аз он ҷумла – шаҳри Кӯлоб воқеъ гардида, бо миқдори 61 объект ё ин ки 25,4% миқдори умумии муассисаҳо ва ташкилотҳои соҳаи сайёҳии худуди ноҳияи Кӯлобро ташкил медиҳанд. Дар ноҳияҳои Ховалинг, Данғара, Муъминобод ва Ҳамадонӣ, ки имкониятҳои калони сайёҳиро барои рушди соҳаи сайёҳӣ доро мебошанд, мутаносибан ҳамагӣ танҳо 30, 29, 21 ва 20, ё ин ки 12.5; 12,1; 8,75 ва 8,33 фоизи объектҳои базаи моддӣ-техникии сайёҳии минтақа рост меоянд. Ин маълумотҳо бори дигар рушди сусти инфрасохтори ноҳияҳои минтақаи Кӯлобро аниқ исбот мекунанд.

Ҳангоми ташкили фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ яке аз унсурҳои асосӣ ва нисбатан муҳим мавҷудияти объектҳои сайёҳӣ ва воситаҳо барои бунёди шароитҳои мусоид барои дамгирӣ ва мусофирати сайёҳон, мебошад. Дар минтақаи Кӯлоб айни замон ба ин мақсадҳо аслан: объектҳои табиӣ, маданӣ ва таърихӣ, нуқтаҳои таъминоти ғизо ва ҷойгиркунонии сайёҳон, ҷавобгӯ мебошанд.

Бо мақсади дар ҳудуди минтақа самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ аз тарафи мо мақсадҳои стратегӣ, масъалаҳои афзалиятнок ва марҳилаҳои рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ (расми 9) ва стратегияи рушди сайёҳӣ дар он, муайян карда шуданд[2-М]..

*Мақсади стратегӣ*. Истифодаи самараноки иқтидори сайёҳии минтақа, таъминоти афзоиши ҳаҷми содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ ва шуғли аҳолӣ аз ҳисоби ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб.

↓

*Вазифаҳои афзалиятнок:*

- афзоиш додани ҷараёни сайёҳӣ дар ноҳияҳои минтақа;
- рушди тиҷорати хурду миёна;
- таъминоти афзоиши ҳаҷми содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- азхудкунии потенсиали илмӣ-техникии аз талабот бозмондаи ноҳияҳо;
- ҳамчунин, ташкили шаклҳо ва усулҳои пешсафи истеҳсолот;
- рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ;
- ҳифзи мероси иҷтимоӣ-маданӣ ва табиӣ;
- бунёди ҷойҳои кории нав дар соҳаи сайёҳӣ ва соҳаҳои ба он вобастаи иқтисодиёт;
- воридшавии асъори хориҷа ба буҷаи минтақа ва ҷумҳурӣ.

↓

Блоки мақсадҳои рушди соҳаи сайёҳии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб

↓

Ҳифз ва истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳии ноҳияҳо, идоракунии устувори онҳо, аз он ҷумла табдил додани соҳаи сайёҳӣ ба соҳаи рақобатпазирии баланд дошта ва буҷасози даромадноки иқтисодиёти минтақаи Кӯлоб.

| | | |
|---|---|---|
| *Марҳилаи 1.* Самаранок ба роҳ мондани фаъолияти таблиғотӣ-иттилоотӣ, ки ба пешрафти ноҳияҳо ба бозори давлатӣ ва байналхалқӣ нигаронида шудааст, баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасонии сайёҳии минтақа ва табдил додани сектори сайёҳӣ | *Марҳилаи 2.* Ба роҳ мондани танзим ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақа (коркарди механизми самараноки идоракунӣ ва базаи меъёрии ҳуқуқӣ), ки ба пешрафти бемонеаи фаъолияти сайёҳӣ, беҳсозии шароити сармоягузорӣ, баланд | *Марҳила 3.* Бунёди инфрасохтори пуриқтидори соҳаи сайёҳии замонавии навтарин, ки ба стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошад. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ба сектори рақобатпазири баланд ва даромаднокии калон доштаи иқтисодиёти минтақа | | бардоштани сифатнокӣ ва бехатарии хизматрасонии сайёҳон боис мегардад. | | |

Расми 9. Матритсаи механизми идораи рушди сайёҳӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб

Таҳқиқот дар ташкили фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб камбудиҳои зеринро ошкор намудааст:

- номувофиқии инфрасохтори сайёҳии минтақа ба стандартҳои байналхалқӣ;
- рақобатнопазирии шароитҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо ва сохторҳо ба стандартҳои байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонии сайёҳӣ;
- сатҳи пасти иттилоотии соҳибкории сайёҳӣ-рекреатсионӣ;
- бароҳмонии бесамари корҳо оид ба истифодаи потенсиали захираи рекреатсия ва сайёҳии минтақа;
- набудани фаъолияти маркетингии мувофиқашуда дар соҳаи сайёҳии минтақа.

Дар самтҳои стратегӣ ва масъалаи рушди сайёҳӣ дар шароитҳои минтақаи Кӯлоб то соли 2030, нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии стратегияи (НЧАС) дар замимаи 1 муфассал дарҷгардида, муайян карда шудаанд.

Стратегияи пешниҳодшуда чор самтҳои калидиро дар бар мегирад:

1) маркетинг;
2) рушди инфрасохтори сайёҳӣ-рекреатсионии ноҳияҳои минтақа;
3) беҳсозии малакаи ҳосилшуда;
4) расидан ба рушди босабот ва устувори соҳа. [3-М].

НЧАС дар минтақаи Кӯлоб ҳамчун механизми идораи давлатии фаъолияти сайёҳӣ мавқеъҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Рушди институтсионалии сайёҳи ва рекреатсия ҳамчун унсури идораи давлатии ин соҳаҳо дар минтақа.

2. Ташаккулёбии инфрасохтори замонавии сайёҳӣ.

3. Тарғиботи имкониятҳои сайёҳӣ ва кушодани бозорҳои нав.

4. Омодасозӣ ва азнавтайёркунии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ.

5. Баровардани индустрияи сайёҳӣ ба сатҳи стандартҳои байналхалқӣ ва таъминоти бехатарии сайёҳон.

Дар НЧАС ба сайёҳии воридотӣ, ки на танҳо генератори воридшавии асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти маҳаллӣ мебошад, балки дар минтақа омили муҳимтарини бунёди ҷойҳои корӣ, ташаббускори даромадҳои тиҷоратии муассисаҳои гуногун ва шахсони воқеӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ машғул мебошанд, диққати асосӣ дода шудааст.

Соли 2018 пеш аз КОВИД дар минтақаи Кӯлоб ҷамъулҷамъ 20496 сайёҳон ба қайд гирифта шудаанд, ки аз он ҷумла, 16601 нафари (ё 81%) онҳоро сайёҳони дохилӣ ташкил додаанд. Соли 2021 дар минтақа аз рӯи баҳодиҳии мо ин рақамҳо мутаносибан 20635, 16830 (82,5%)-ро ташкил медиҳанд.

Ҷолибияти минтақа аз ҳисоби даромадҳои сайёҳони беруна ва дохилӣ метавонанд намудҳои пешбарандаи зерини сайёҳиро афзоиш диҳанд (ҷадв. 4).

Ҷадвали 4.

Самтҳои ояндадори сайёҳӣ ва чораҳои рушди онҳо барои минтақаи Кӯлоб (аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст)

| Намудҳои (асосии) айёҳӣ | Самтҳои ояндадори ташкил |
|---|---|
| 1. Экологӣ (Экосайёҳӣ) | Ташкили хатсайрҳои сайёҳӣ. Рушди воситаҳои ҷойгиронӣ, аз он ҷумла базаҳои сайёҳӣ ва хонаҳои меҳмонқабулкунӣ дар ҷойҳо, ҳамчунин таҷҳизонидани техникии онҳо. Рушди марказҳои илмӣ-таълимӣ, истгоҳҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ва илмии таҷрибавӣ. |
| 2. Маданӣ-маърифатӣ | Сохтани рафҳои (тахтаҳои) иттилоотӣ бо маводҳои таърихӣ, маданӣ, анъанаҳо ва урфу одатҳо, хусусиятҳои фаъолияти маишӣ ва хоҷагидории мардуми минтақаи Кӯлобро дошта. |
| 3. Сайёҳӣ бо хатсайри Роҳи Бузурги Абрешим | Рушди инфрасохтори сайёҳӣ, воситаҳои ҷойгиронӣ, нуқтаҳои хӯрокворӣ. Рушди инфрасохтори наздироҳӣ дар роҳҳои асосии хатсайрҳои сайёҳӣ: сохтмони меҳмонхонаҳо ва кемпингҳо; сохтмони объектҳои хӯроки умумӣ; ташкили истгоҳҳо ва ҷойҳои дамгирӣ; мондани аломатҳои роҳ ва тахтаҳои иттилоотӣ, таҳияи харитаҳои сайёҳии автомобилӣ. |
| 4. Автомобилӣ (бо нақлиёти худ) | Сохтмони роҳҳои нав ва дуруст намудани роҳҳои мавҷудбудаи мошингард дар самтҳои асосии хатсайрҳои сайёҳӣ. Рушди инфрасохтори наздироҳӣ дар роҳи хатсайрҳои асосӣ: сохтмони меҳмонхонаҳо ва кемпингҳо; сохтмони объектҳои хӯроки умумӣ; ташкили истгоҳҳо ва ҷойҳои дамгирӣ; мондани аломатҳои роҳ ва тахтаҳои иттилоотӣ, таҳияи харитаҳои сайёҳии автомобилӣ. |
| 5. Шикорчигӣ (Шикор, ҷамъоварии меваҳои худрӯ, буттамеваҳо) | Сохтмони хонаҳои меҳмонқабулкунӣ дар ҷойҳои нисбатан мувофиқи рушди шикор, ҳамчунин ҷиҳозонидани техникии онҳо; ташкили хатсайрҳои шикорчигӣ, кемпингҳо. |
| 6. Сайёҳии деҳот ва кишоварзӣ (агросайёҳӣ) | Сохтмони шабакаи хонаҳои меҳмонқабулкунӣ ва ҳавлиҳои рустоӣ. Дар асоси озмун ҷудо кардани маблағ барои ҷиҳозонидани хонаҳои деҳаҳо бо мақсади ҷойгиркунии сайёҳон (грантҳо). Беҳсозии дастрасии нақлиётӣ ва сохтани роҳҳои ба объектҳои намоишдиҳӣ ба сайёҳон баранда. Таъминоти иттилоот ҷиҳати рушди сайёҳии деҳот. Рушди қарздиҳӣ бо мақсади рушди сайёҳӣ дар деҳот. |
| 7. Кӯдакона | Коркарди барномаҳои пешбаранда ба кӯдакони наслҳои гуногун барои шиносоӣ бо таърих ва маданияти ноҳияҳои минтақа. Саёҳати интерактивӣ, мастер-классҳо, вохӯрӣ бо қаҳрамонҳои афсонавӣ ва ғ. |

Ба ғайр аз ин имконияти рушди минбаъдаи дигар намудҳои камхарҷи сайёҳӣ: айлоқ-туризм, саёҳати табобатӣ, дилхушкунанда, руҳонии динӣ, фароғат, вақтхушӣ, оилавӣ, корӣ ва варзишӣ, истисно намешаванд.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

1. Дар минтақаи Кӯлоб манбаҳои беҳамтои бойи табиӣ ва техногенӣ ҷойгир шудаанд, ки барои ташкили самаранок ва гузаронидани фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ҷолиб мебошанд. Аз ин ҷиҳат дар назар дошта мешавад: зичӣ ва нисбатан ҳолати хуби шабакаи нақлиёт; фурудгоҳи байналхалқӣ, миқдори зиёди роҳҳои мошингард, ҳамчунин роҳи оҳан, ки дастрасӣ ба объектҳои сайёҳиро таъмин менамояд; дар ноҳияҳои гуногуни минтақа дараҷаи баланди мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ ва маданӣ[1-М].

2. Қисматҳои шимолу шарқӣ ва марказии он (ноҳияҳои Данғара, Ховалинг ва Кӯлоб) дорои сатҳи баланди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии сайёҳӣ (РИИС) мебошанд. Барои ноҳияҳои қисмати ҷануб (Ҳамадонӣ) ва қисман шимолу шарқӣ минтақа (Ш. Шоҳин, Муъминобод), сатҳи миёнаи РИИС хос аст. Барои гурӯҳи сеюми ноҳияҳои минтақа (марказ: Восеъ, ҷануб: Балҷувон, Фархор, шимолу ғарб: Темурмалик ва ҷанубу шарқ – Ш. Шоҳин) сатҳи РИИС нисбатан паст аст. Аз рӯи зиёд будани объектҳои таърихӣ-маданӣ, меъморӣ ва дигар объектҳо дар 1 км$^2$, ҳамчунин ҷиҳати ҷолибияти фаъолияти сайёҳӣ, ноҳияҳои Кӯлоб ва Муъминобод пешсаф мебошанд. Ба ҳамин сабаб, дар гурӯҳҳои рушди миёна ва суст доштаи ноҳияҳо мебояд ҷиҳати баланд бардоштани рушди сайёҳӣ дар онҳо, кӯшиш намуд.

3. Барои самаранок ба роҳ мондан ва ҷорӣ намудани сайёҳии устувор ва баланд бардоштани некӯавҳолии иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии минтақа Стратегияи рушди сайёҳӣ – самти калидии идораи давлатии фаъолияти сайёҳӣ, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳии дарозмуддат муайян гардидааст, пешниҳод карда шудааст. Дар амал татбиқ намудани он ба ташаккул додани бозори сайёҳии рақобатпазир, ки метавонад имкониятҳои васеи қонеъ гардонидани талаботи сайёҳии шаҳрвандони ҶТ ва хориҷа ба хазматрасониҳои сайёҳӣ боис гардад ва дар як замон, ба дараҷаи назаррас барои ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ ва мутаносибан, сатҳи даромаднокии онҳо, таъсири мусбӣ расонад.

4. Таҳлили вазъияти дар соҳаи сайёҳӣ бамиёномадаи минтақа, ҳолати базаи моддӣ-техникии он аз он шаҳодат медиҳад, ки бояд имрӯз вобаста ба таҷдиди объектҳои қаблан мавудбудаи сайёҳӣ ва хоҷагии онҳо чораҳои бетаъхир андешид ва ҳамчунин, ҷиҳати бунёди инфрасохтори нави сайёҳӣ, машғул шуд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳии минтақа коркарди консепсияи нави рушди сайёҳии минтақавӣ дар шароитҳои муосир бо дар назар доштани рушди ояндадор, зарур дониста мешавад. Барои ин дар асоси барномаи ҷумҳуривӣ бояд барномаи минтақавии рушди марҳила ба марҳилаи сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб, кокард гардад. Дар як замон манбаҳои асосии сармоягузорӣ бояд воситаҳои (маблағҳои) буҷаи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бошанд. Дар қатори ин, манбаи муҳим иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ ва грантҳо, ҷалби онҳо дар амалигардонии лоиҳаҳои гуногуни вобаста ба рушди сайёҳӣ дар минтақа мебошад.

2. Рушди самараноки хоҷагии сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо бунёди шароитҳои мусоид барои қабул ва гузаронидани фаъолияти сайёҳии ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷовбгӯ ба сайёҳии минтақавии минтақаи Кӯлоб барои баромадан ба сатҳи нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ имкон медиҳад ва талаботи сайёҳони дохилӣ ва хориҷаро қонеъ мегардонад.

## III. Фехристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

### а) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. **Иброгимова, Р. А.** Пути рационального использования туристско-рекреационных ресурсов Кулябского региона / Р. А. Иброгимова // Вестник ТГПУ – Душанбе. – 2015. - № 2 (63-1). - С. 205-208.

[2-М]. **Иброгимова, Р. А.** Эффективность развития туризма в Кулябской зоне: проблемы и перспективы / Р. А. Иброгимова // Вестник Таджикского национального университета – 2017. - № 2/5. –Ч. II. - С. 124-128.

[3-М]. **Иброгимова, Р. А.** Стратегические направления и задачи развития туризма в условиях Кулябского региона / Р. А. Иброгимова // Вестник ТГПУ. – Душанбе. – 2019. - № 3-4, (3-4) - С. 64-68.

[4-М]. **Иброгимова, Р. А.** Факторы развития туризма на территории Кулябского региона Республики Таджикистан / Р. А. Иброгимова // Вестник ТГПУ. – Душанбе. – 2021. - № 3-4 (11-12). - С. 77-81.

### б) Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд:

[5-М]. **Иброгимова, Р. А.** Баъзе хусусиятҳои рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон

/ Р. А. Иброгимова // Маҷмӯаи маводҳои конференсияҳои Байналмилалии илмӣ-амалӣ “Сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи беҳгардонии манбаҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва проблемаҳои рушди сайёҳӣ”. Душанбе-2013. С. 102-104.

[6-М]. **Иброгимова, Р. А.** Рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон / Р. А. Иброгимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. № 2 (11). 2014. С. 96-98.

[7-М]. **Иброгимова, Р. А.** Роҳнамои сайёҳии минтақаи Кӯлоб / Р. А. Иброгимова Кӯлоб – 2015. с. 28 (бо забонҳои русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ).

[8-М]. **Иброгимова, Р. А.** Истифодаи самараноки манбаҳои табиӣ ва маданӣ-таърихии минтақаи Кӯлоб дар рушди сайёҳӣ / Р. А. Иброгимова //Маҷмӯаи илмии конференсияи илмӣ-назариявӣ. “Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар омодасозии мутахассисон”, ба 70-солагии донишгоҳ бахшида шудааст. Қисми ll. Кӯлоб. 2015. с. 30-32.

[9-М]. **Иброгимова, Р. А.** Кӯлоб: сайёҳӣ рушд ёфта истодааст/ Р. А. Иброгимова //Ҷавонони Тоҷикистон. № 2. Кӯлоб-2015.

[10-М]. **Иброгимова, Р. А.** Имкониятҳо ва монеаҳои сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб / Р. А. Иброгимова //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ. “Аҳамияти рушди сайёҳии дохилӣ” // ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Душанбе-2017 с. 65-69.

[11-М]. **Иброгимова, Р. А.** Агротуризм ва имконияти рушди он дар минтақаи Кӯлоб / Р. А. Иброгимова //Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Душанбе-2018. с.73-76.

[12-М]. **Иброгимова, Р. А.** Нақши осорхонаҳо дар рушди сайёҳии маданӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоб) / Р. А. Иброгимова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ. Нақши соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон”. Кӯлоб-2018 с.60-63.

[13-М]. **Иброгимова, Р. А.** Мушкилоти муҳофизат ва истифодаи самараноки манбаҳои сайёҳӣ-экологӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. А. Иброгимова //Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. “Ғояҳои таҳаввулоти

ҷаҳонӣ дар фалсафаи илми муосир”, ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Кӯлоб-2020 с. 20-22.

[14-М]. **Иброгимова, Р. А.** Музеи Кулябской зоны и их роль в развитии культурно-познавательного туризма Республики Таджикистан / Р. А. Иброгимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. №1 (24) 2020 с. 10-14.

## АННОТАЦИЯ

**диссертации Иброгимова Рухшона Абдуллоевна «Роль туристско-рекреационного потенциала в социально-экономическом развитии региона (на примере Кулябской зоны Республики Таджикистан)»,** представленной на соискание ученой степени кандидата географических наук по специальности 25.00.24 - Экономическая, социальная, политическая и рекреационная география

**Ключевые слова:** Таджикистан, Кулябская зона, аспекты, поддержка, устойчивое развитие, потенциал, ресурсы, использование, развитие, регион, природопользование, экотуризм, направления, перспективы.

**Объект исследования -** туристическая отрасль, как фактор социально-экономического развития Кулябского региона.

**Цель исследования:** изучение и анализ состояния туристско-рекреационного потенциала Кулябской зоны РТ, его идентификация и оценка его роли в эффективном социально-экономическом развитии региона путем оптимального и сбалансированного использования.

**Методы исследования.** В процессе выполнения диссертационной работы (2013-2022гг.) применялись территориальный, комплексный, системный и типологический подходы; методы научного описания, картографический, географического моделирования, сравнительно-географический, математико-статистический.

Использование вышеприведенных методов позволило в диссертации определить влияние туристско-рекреационных ресурсов на развитие регионального туризма, а применеый в августе 2018 г. среди – респондентов региона: горожане, сельчане, школьники старших классов и студенты, туристы (внешние), туристы (внутренние), работники турпредприятий, всего по 20 чел. опрос (приложение) дал возможность оценить предпочтения разновидностей туризма, перспектив и направлений их развития и т. д.

**Полученные результаты**

1. Раскрыты природные предпосылки и внешние и внутренние факторы, оказывающие влияние на развитие туризма и рекреации в исследуемом регионе;
2. Установлены прошлое и современное состояния использования туристско-рекреационного потенциала Кулябской зоны с социально-экономико-географических позиции;
3. Определена стратегия развития туризма в Кулябской зоне, направленная на его рост и устойчивую поддержку;
4. Установлены существующие социально-экономические этапы развития туризма в регионе и основные направления его развития на перспективу.
5. Предложены перспективные направления видов и типов туризма, способствующие повышению темпов экономического роста и социального развития исследуемого региона;

**Степень использования.** Материалы исследования могут быть использованы в разработке содержания лекций преподавателями факультетов вузов туристической направленности, полезен для менеджеров турагентских и туроператорских фирм, организаторов всевозможных форм повышения квалификации учителей школ, колледжей и лицеев и туристических организации.

**Область применения:** Результаты исследования также могут быть применены при разработке различных природоохранных мероприятий и использоваться в учебных заведениях РТ в процессе подготовки студентов по специальностям туристического и географического профиля. Для Кулябского региона подготовлены перспективные планы формирования и развития туристско-рекреационной деятельности.

## АННОТАТСИЯИ

**диссертатсияи Иброгимова Рухшона Абдуллоевна «Нақши захираҳои туристию рекреатсионӣ дар инкишофи иқтисодиёту иҷтимоиёти минтақа (дар мисоли минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон)»,** ки барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои географӣ аз рӯи тахассуси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, минтақаи Кӯлоб, ҷанбаҳо, дастгирӣ, рушди устувор, имконият, манбаҳо, истифодабарӣ, рушд, минтақа, истифодаи табиат, экосайёҳӣ, самтҳо, ояндадорӣ.

**Объекти таҳқиқот** – соҳаи сайёҳӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи Кӯлоб.

**Мақсади таҳқиқот:** омӯзиш ва таҳлили имконияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоби ҶТ, ҳаммонандии он ва баҳодиҳии нақши он дар рушди самараноки иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа бо роҳи истифодабарии муносиб ва муназзам.

**Усулҳои таҳқиқот.** Иҷроиши кори диссертатсионӣ (с.2013-2022) аз рӯи нуқтаи назари ҳудудӣ, маҷмӯӣ, бо тартиби муайян ва типологӣ, ба роҳ монда шудааст; усулҳои тавсифи илмӣ, картографӣ, моделсозии географӣ, муқоисавӣ-географӣ ва математикӣ-оморӣ истифода гардидааст.

Истифодаи усулҳои зикршуда дар диссертатсия ба муайян намудани таъсироти манбаҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва моҳи августи соли 2018 раъйпурсии гузаронидашудаи шаҳрвандон, аҳолии деҳот, мактаббачагони синфҳои болоӣ, донишҷӯён, сайёҳон (беруна ва дохилӣ) ва кормандони муассисаҳои сайёҳӣ (аз номбаршудаҳо 20 нафарӣ) ба баҳо додани афзалияти намудҳои сайёҳӣ, барои рушди сайёҳии минтақавӣ ҷиҳати ояндадорӣ ва самтҳои рушди онҳо, имконият доданд.

**Натиҷаҳои ҳосилшуда**

1. Заминаҳои табиӣ ва омилҳои зоҳириву дохилии ба рушди сайёҳӣ ва рекреатсия дар минтақаи таҳқиқшаванда таъсиррасонанда, муайян гардиданд.
2. Ҳолатҳои пешина ва муосири истифодабарии имконияти сайёҳӣ-рекреатсионии минтақаи Кӯлоб аз мавқеи иҷтимоӣ-иқтисодӣ-географӣ, муқаррар карда шуданд.
3. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар минтақаи Кӯлоб, ки ба афзоиш ва дастгирии уствори он нигаронида шудааст, муайян карда шуд.
4. Марҳилаҳои мавҷудбудаи иҷтимоӣ-иқтисодии рушди сайёҳии минтақа ва самтҳои асосии рушди минбаъдаи он, муқаррар гардиданд.
5. Самтҳои ояндадори намудҳо ва тоифаҳои сайёҳӣ, ки ба баланд бардоштани суръати афзоиши иқтисодии минтақаи таҳқиқшаванда боис мегардад, пешниҳод карда шуданд.

**Дараҷаи истифодабарӣ.** Маводҳои таҳқиқот метавонанд дар коркарди лексияҳои муаллимони факултетҳои мактабҳои олии самти сайёҳӣ дошта, барои менеҷерҳои фирмаҳои агентии сайёҳӣ, ташкилгарони шаклҳои гуногуни баланд бардоштани тахассусоти муаллимони мактабҳо, коллеҷҳо, литсейҳо ва ташкилотҳои сайёҳӣ, истифода бурда шаванд.

**Соҳаи истифодабарӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар коркарди чорабиниҳои гуногуни ҳифзи табиат ва дар муассисаҳои таълимии ҶТ ҷиҳати омодасозии донишҷӯёни тахассуси сайёҳӣ ва география, истифода бурда шаванд. Барои минтақаи Кӯлоб нақшаҳои ояндадори ташаккулдиҳӣ ва рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ омода карда шудаанд.

**ANNOTATION**

**dissertation of Ibrogimova Rukhshona Abdulloevna "The role of tourism and recreational potential in the socio-economic development of the region (on the example of the Kulyab zone of the Republic of Tajikistan)"**, submitted for the degree of candidate of geographical sciences in the specialty 25.00.24 - Economic, social, political and recreational geography

**Key words:** Tajikistan, Kulyab zone, aspects, support, sustainable development, potential, resources, use, development, region, nature management, ecotourism, directions, prospects.

**The object** of the study is the tourism industry as a factor in the socio-economic development of the Kulyab region.

**The purpose of the study:** to study and analyze the state of the tourist and recreational potential of the Kulyab zone of the Republic of Tatarstan, its identification and assessment of its role in the effective socio-economic development of the region through optimal and balanced use.

**Research methods.** In the process of performing the dissertation work (2013-2022), territorial, integrated, systemic and typological approaches were used; methods of scientific description, cartographic, geographical modeling, comparative geographical, mathematical and statistical.

The use of the above methods made it possible in the dissertation to determine the impact of tourist and recreational resources on the development of regional tourism, and applied in August 2018 among the respondents of the region: townspeople, villagers, high school students and students, tourists (external), tourists (internal), workers tourist enterprises, only 20 people. the survey (application) made it possible to assess the preferences of the types of tourism, the prospects and directions of their development, etc.

**Results**

1. The natural prerequisites and external and internal factors influencing the development of tourism and recreation in the region under study are disclosed;

2. The past and current state of the use of the tourist and recreational potential of the Kulyab zone are established from the socio-economic and geographical position;

3. A strategy for the development of tourism in the Kulyab zone has been determined, aimed at its growth and sustainable support;

4. The existing socio-economic stages of tourism development in the region and the main directions of its development in the future are established.

5. Promising directions of types and types of tourism are proposed, contributing to an increase in the rate of economic growth and social development of the region under study.

**Degree of use.** The research materials can be used in the development of the content of lectures by teachers of faculties of tourism universities, useful for managers of travel agencies and tour operators, organizers of various forms of advanced training for teachers of schools, colleges and lyceums and tourism organizations.

**Scope:** The results of the study can also be applied in the development of various environmental protection measures and used in educational institutions of the Republic of Tatarstan in the process of preparing students for tourism and geographical specialties. Long-term plans for the formation and development of tourist and recreational activities have been prepared for the Kulyab region.